Ба Шӯрои диссертатсиони 6D.КОА-002
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Тақриз**

**ба автореферати рисолаи номзадии Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад дар мавзӯи «Шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод карда мешавад.**

Ба автореферати рисолаи номзадии Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад дар мавзӯи «Шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ», шинос шуда бояд қайд намуд, ки муаллифи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дуруст қайд менамояд, ки шартномаи фаъолияти якҷоя яке аз шартномаҳои маъмултарин, ҳамзамон яке аз шартномаҳои аз ҷиҳати табиати ҳуқуқӣ мураккаб мебошад. Воситаи асосӣ ҷиҳати пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ин шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) мебошад. Шартномаи фаъолияти якҷоя аз қадим ба таври васеъ истифода мебурданд. Бо вуҷуди пурра танзимшаванда ба назар расидани институти ширкати одӣ, меъёрҳои қонунгузории амалкунанда на ҳамеша ба мо имкон медиҳанд, ки мушкилоти мубрами амалиеро, ки дар ҷараёни фаъолияти якҷояи шарикон ба миён меоянд, ҳал намоем" (саҳ.5). Умуман он масъалаҳое, ки муаллиф баррасӣ намудааст, қобили қабул буда, барои рушди минбаъдаи институти мазкур заминаи мусоиди илмӣ ва ҳуқуқиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меорад.

Дар автореферати диссертатсия усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ бо назардошти мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Аз ҷумла усулҳои умумиилмӣ, диалектикӣ, функсионалӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ ва усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил ва синтез дар диссертатсия истифода шудаанд. Аз усулҳои махсуси илмӣ бошад, усули

шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бештар ба кор бурда шудаанд. Ҳамаи ин ба таъмини самаранокии танзими фаъолияти якҷоя дар амал нигарнида шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии дар диссертатсия пешниҳод шуда, моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин, таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил гардонидани қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи мазкур аҳамияти хосса ва беназир доранд. Баҳогузории онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад бо моҳият ва мазмуни хоси илмию амали ва таъмини мантиқии масъалагузорӣ тариқи риояи пайдарпайии сохторӣ ва дигар самтҳои назаррасу илман асоснокгардидааш сазовори баҳои мусбат мебошад. Автореферати диссертатсияи Воҳидзода Зеваршоҳ аз нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ холӣ нест.

Дар нуктаи илмии дуюм манзуршаванда муаллиф шартномаи фаъолияти якҷояро воситаи танзими фаъолияти соҳибкории иттиҳодияҳои соҳибкорӣ иброз менамояд, ки тарафҳои он дар фаъолияти якҷоя саҳм гузошта, ҳуқуқ доранд аз ин фаъолият натиҷаҳои моддӣ ва дар баъзе ҳолатҳо қаноатмандии мутақобила ба даст оваранд. Аммо қаноатмандии мутақобиларо шарҳ надодааст. Пас савол бавуҷуд меояд, ки муаллиф зери ин мафҳум чиро дарназар дорад?

Эроде, ки дар боло зикр шуд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба муҳтавои илмии автореферат таъсири манфӣ намерасонад.

Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд. Таҳқиқоти мазкур кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ ва сатҳи баланди навгонии илмӣ дошта, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ аҳамияти муҳим дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент,

профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, тахти № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Раиси коллегия судӣ оид ба**
**парвандаҳои гражданин**
**Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Қодирзода Т.Қ.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯчаи Н. Қарабоев 1, Тел: (+992 237) 233-89-91, 233-83-62. E-mail: (http://www.sudioli.tj) sud.tj**

**Имзои “Қодирзода Т.Қ.-ро тасдиқ мекунам”**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Додозода А.М.**